# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20 майи соли 2025, №56**

Барои сазовор донистани Гулзода Рамазон Боймаҳмад шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 12 марти соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №34-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Гулзода Рамазон Боймаҳмад 07.03.1984 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2017 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (диплом ДМБ №0078100) ва соли 2021 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик (диплом ДММ №0013344) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Гулзода Рамазон Боймаҳмад солҳои 2015-2017 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и шаҳри Бохтар кору фаъолият кардааст. Солҳои 2017-2018 муовини директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и шаҳри Бохтар, солҳои 2018-2019 омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён, солҳои 2019-2021 мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён, солҳои 2021-2022 сардори шуъбаи таълими Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён. Аз соли 2022 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси омӯзгори кафедраи психологияи

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав идома бахшида истодааст.

Гулзода Рамазон Боймаҳмад солҳои 2022-2025 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 27.05.2022, №179) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда аст.

Мавзуи кори диссертатсионии Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 24.05.2022, №10 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов Файзалӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Муқарризони расмӣ:

Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»;

Абдуназарзода Шоиста Абдуназар – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара.

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 19.04.2025, протоколи №9, ки онро раиси ҷаласа, Ғафурова Д.Ҷ. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара Наботов Ю.Ш. ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи донишгоҳи мазкур Садирова Ҷ.Ш. имзо карда, ректори донишгоҳ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш. Қ. тасдиқ кардааст қайд гардидааст, ки “...диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи муҳимми педагогӣ - ташаккули нуфузи омӯзгор дар шароити муосир равона гардидааст. Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард. Муаллиф самаранокии омилҳо ва шароитҳои педагогиеро, ки

барои ташаккули нуфузи омӯзгор истифода шудаанд, арзёбӣ кардааст. Муаллиф хулосаҳои худро дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот баён карда, пешниҳодҳо оид ба такмил додани раванди ташаккули нуфузи омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудааст".

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Гулзода Рамазон Боймаҳмад довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 6 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Гулов, Р.Б. Роҳҳои ташаккулёбии маҳорат, қобилият, санъат ва сифатҳои муҳими касби омӯзгорӣ / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021, № 1/2 (86). - С. 79-84. ISSN 2663-5534.

[2-М] Гулов, Р.Б., Қурбонов Ф.А. Омӯзгор ва раванди ташаккулёбии сифатҳои шахсию касбӣ ва обрӯю нуфузи ӯ дар ҷомеаи муосир / [Матн] // Р.Б. Гулов., Ф.А. Қурбонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021, №1/3 (89). - С. 114 -119. ISSN 2663-5534.

[3-М] Гулов, Р.Б. Омӯзгор - ҳидоятгару роҳнамои шогирдон / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021, №1/2 (98). - С. 115 -118. ISSN 2663-5534.

[4-М] Гулов, Р.Б. Омӯзгор - саҳмгузори рушди неруи ақлонӣ / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022, №2. - С. 203 - 209. ISSN 2074-1847.

[5-М] Гулов, Р.Б. Қобилият ва маҳорати педагогии омӯзгор / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024, №7.- С. 252 - 258. ISSN 2074-1847.

[6-М] Гулов, Р.Б., Қурбонов Ф.А. Мақом, манзалат ва вазифаҳои омӯзгор / [Матн] // Р.Б. Гулов, Ф.А. Қурбонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2024, №1/2 (122) - С. 115 -118. ISSN 2663-5534.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмӣ, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф метавонад дар самтҳои таҳқиқоти минбаъда оид ба нуфузи омӯзгорро пешниҳод намояд, то фаҳмиш дар бораи ин мафҳум амиқтар карда

шаванд ва роҳҳои муассиртари баланд бардоштани нуфузи омӯзгорро муайян кунанд;

2. Муаллиф ҳангоми таҳияи ҷадвалу диаграммаҳо ченакҳое, ки бо воситаи онҳо дараҷаҳои таҳлилро фаҳмидан мумкин аст, нагузоштааст. Масалан, бояд дар ҷадвал ё диаграммаҳо чунин ченакҳо ба монанди фоиз, шумораи хонандагон бо фоиз ва монанди инҳо гузошта шаванд. Гузоштани ин ченакҳо дарки ҷадвал ва диаграммаҳоро осон мекунанд;

3. Муаллифи диссертатсия метавонист дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ бо муқоисаи таҷрибаҳои ташаккули нуфузи омӯзгор дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ, аз ҷумла дар муҳити дигар минтақаҳои Тоҷикистон, кишварҳои дигар ё заминаҳои алтернативӣ таваҷҷуҳ карда, моҳият ва сатҳу сифати кори худро ғанитар гардонад;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Гулзода Рамазон Боймаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Гулзода Рамазон Боймаҳмад иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарриз қайд кардааст, ки дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад,  киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Тақриз мусбат мебошад.

2. Муҳиддинзода Қудбиддин – номзади илмҳои педагогӣ, муовини сардори Раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз қайд мекунад, ки хуб мебуд муаллифи диссертатсия дар автореферат ба таври мушаххас ба ба натиҷаҳои ба дастовардаи таҳқиқот ва пешниҳодҳои амалии худ ишора мекард. Инчунин, бартараф кардани баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар автореферат ба манфиати кор аст. Тақриз мусбат мебошад.

3. Саидзода Низомиддин – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Муқарриз эрод надорад.

4. Абдулаҳадова Анора - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Гулзода Рамазон Боймаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 12 марти соли 2025, №34-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- маҷмуи муқаррароти заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули нуфузи омӯзгор **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳу шароитҳои ташаккули нуфузи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор карда шудааст;**

- шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- ҷузъҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи нуфузи омӯзгорон дар фаъолияти омӯзгорӣ **аниқ карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба ташаккули самараноки нуфузи омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст.**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- масоили ташаккули нуфузи омӯзгори муассисаи таълимӣ ва инъикоси он дар адабиёти педагогӣ омӯхта, таҳлилу **баррасӣ карда мешаванд;**

- моҳият ва вижагиҳои ташаккули нуфузи омӯзгор дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор ва аниқ карда мешаванд;**

- шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуда, мавриди озмоиш **қарор дода мешаванд;**

- усулҳои самаранок ва инноватсионии ташаккули нуфузи омӯзгор **мушаххас карда шуданд**, ки ба ташаккули нуфузи омӯзгор **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда ба маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавонад** дар ҳалли масъалаҳои ташаккули нуфузи омӯзгорон ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

**- т**аҳияи муфассали тамоми шохаҳои технология, хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти иҷрошударо ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор, ба таври самаранок ташаккул додани нуфузи онҳо **фароҳам меоварад**;

- ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии омӯзгорон **кӯмак мерасонад;**

- натиҷаҳои таҳқиқотро маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони алоҳида ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии

омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асосноккунии илмии масъалаи таҳқиқот дар заминаи таҳлили назария ва амалияи педагогӣ **таъмин карда шудаанд;**

- омӯзиши таҳсилотро дар соҳаи илми психология, педагогика ва методикаи таълими фанҳо дар таҳсилот **таъмин карда метавонанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- мавқеъҳои ибтидоӣ ва таҳаввулоти дорои хусусияти назариявӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ карда шудаанд, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти

диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ,** тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ,** иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 20 майи соли 2025, №56 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Гулзода Рамазон Боймаҳмад ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор - нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 20.05.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.